Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу Хироҷ

№42 (1191)

Панҷшанбе, 17 октябри соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРЕЗИДЕНТ



## Таҳлили вазъи воқеии соҳаҳои иқтисод

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони соҳаи саноат мулоқот намуданд

с. 5

# Вазъи андозбандии иҷораи замин

**Тартиби андозбандӣ намудани фаъолияти шахсоне, ки қитъаҳои заминро ба иҷора медиҳанд ва ё тавассути иҷораи замин фаъолияти кишоварзиро амалӣ менамоянд**



КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

## Пешгирии қонунвайронкунихо – дар мадди аввал

Корҳои фаҳмондадиҳӣ баҳри пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта

с. 6

НИШОНДОДҲО

## Сифати иҷрои нишондиҳандаҳо

Бардошт аз ҷаласаи ҷамъбасти фаъолияти 9-моҳаи Раёсати андоз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

с. 7

НИШОНДОДҲО

## Баҳисобгирӣ анҷом ёфт

Вазъи баҳисобгирии объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар шаҳри Гулистон

с. 7

АНДОЗИ АКСИЗӢ

## Норӯшаниҳо

Афзудани теъдоди корхонаҳое, ки ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти зераксизӣ машғуланд

с. 9

НАЛОГОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ

## Налоговый мониторинг

с. 12

ДИҚҚАТ!!! * ДИҚҚАТ!!!

**ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ» БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД**

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

65 СОМОНӢ
НАРХИ ЯКСОЛАИ ОБУНА

СУРОҒАИ МО:

ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:

р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
**РМА** 030007408



# Оғози бунёди меҳмонхонаҳо дар пойтахт

**10 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар се ноҳияи пойтахт барои бунёди меҳмонхонаи замонавӣ бо марказҳои хизматрасонии маишӣ оғоз бахшиданд.**



### Меҳмонхонаи замонавӣ дар ноҳияи Фирдавсӣ

10 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Фирдавсии пойтахт барои бунёди меҳмонхонаи замонавӣ бо марказҳои хизматрасонии маишӣ оғоз бахшиданд.

Меҳмонхонаи замонавӣ ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Анвар Қурбонов бунёд карда мешавад.

Тибқи лоиҳа иншооти муосири хизматрасонӣ – сайёҳӣ аз 115 ҳуҷра бо шароити замонавӣ иборат буда, бо имкони қабули 200 нафар дар як вақт бунёд мегардад.

Дар меҳмонхона 2 толори маҷлис, марказҳои хизматрасонӣ – фароғатӣ, толори варзиш, ҳавзи шиноварӣ, қаҳвахона, мағозаи либос ва ғайра барои мизоҷон шароит фароҳам карда мешавад.

Меҳмонхонаи 9-ошёна бо дарназардошти талаботи байналмилалӣ ва мутобиқ ба меъёрҳои марказҳои хизматрасонии сеситорадор бунёд хоҳад шуд.

Зимни муаррифии лоиҳаи иншоот иттилоъ дода шуд, ки дар ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар меҳмонхонаи замонавӣ то 100 нафар бо ҷойи кори муваққатӣ ва баъди пурра ба истифода додани он 50 нафар бо шуғли доимӣ ва маоши хуб таъмин хоҳанд гардид.

Дар асоси нақша дар оянда аз ҷониби соҳибкор кӯдакистон бо 300 ҷой ва мактаби ибтидоӣ барои 540 нафар сохта мешавад.

Сардари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат иқдоми соҳибкори ватаниро дар самти бунёди иншооти муосири хизматрасонӣ дар шаҳри Душанбе назаррас арзёбӣ карда, ҷиҳати иҷрои босифати корҳои бунёдӣ ва дар вақти муайянгардида ба истифода додани меҳмонхонаи замонавӣ дастуру ҳидоятҳои судманд доданд.

### Меҳмонхонаи замонавӣ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ

Нахуст Сарвари давлат дар маҳалли сохтмон бо лоиҳаи меҳмонхонаи замонавӣ шинос шуданд.

Сохтмони меҳмонхонаи чорситорадор аз ҷониби соҳибкори ватандӯст Тоҳир Ҳукуматов, дар асоси қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 7 августи соли 2019 ба роҳ монда мешавад.

Меҳмонхона аз 18 ошёна иборат буда, ҷавобгӯ ба талаботи байналмилалӣ бунёд хоҳад гардид.

Мутобиқи лоиҳа, иншоот дорои 90 ҳуҷра буда, дар як вақт ба 300 нафар хизмат мерасонад.

Дар меҳмонхона бунёди марказҳои хизматрасонӣ – фароғатӣ, толори маҷлис, толори машварат, толорҳои варзиш, шиноварӣ, кинотеатр, тарабхона, қаҳвахона ва таваққуфгоҳи зеризаминӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар рафти корҳои сохтмонӣ дар меҳмонхонаи баландошёна 30 нафар бо кори муваққатӣ ва пас аз пурра ба истифода додани он то 50 нафар бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин мешаванд.

Баъди шиносоии пурра бо лоиҳаи меҳмонхонаи замонавӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иқдоми соҳибкори ватандӯст баҳои баланд дода, баҳри иҷрои босифати корҳо ва риояи талаботи санъати баланди меъмории миллӣ дастуру ҳидоятҳои муфид доданд.

Соҳибкори ватанӣ бо ҷонибдорӣ аз иқдомҳои созандаи роҳбарияти олии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақша дорад, ки иншооти мазкурро то ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми ду сол бо сатҳу сифати баланди ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалӣ мавриди истифода қарор диҳад.

### Меҳмонхона дар ноҳияи Шоҳмансур

Бинои бисёрфунксионалӣ бо ҷойгиршавии меҳмонхонаи 4-ситорадор аз 22 ошёна иборат буда, аз тарафи соҳибкори ватандӯст Бахтиёр Саидов бунёд мегардад.

Дар рафти корҳои сохтмонӣ зиёда аз 150 нафар мутахассисони маҳаллӣ бо ҷойи кори муваққатӣ ва маоши хуб таъмин хоҳанд гашт. Бо бунёд шудани бинои меҳмонхонаи замонавӣ дар шаҳри Душанбе, дар маҷмӯъ, беш аз 250 ҷойи корӣ таъсис меёбад.

Ҳангоми муаррифии лоиҳаи бинои баландошёнаи бисёрфунксионалӣ ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки шумораи ҳуҷраҳои меҳмонхона 70 ададро дар бар мегирад. Дар як вақт имкон аст, ки ба 200 нафар хизмат расонида шавад.

Дар дохили бинои бисёрфунксионалӣ марказҳои савдою хизматрасонӣ, фароғатӣ, 234 ҳуҷраи корӣ, ду маҷлисгоҳ, ошхона, толори варзишӣ ва қаҳвахона сохта шуда, бунёди таваққуфгоҳи зеризаминӣ низ пешбинӣ гардидааст.

Иншооти мазкур дар асоси нақшаи генералии шаҳри Душанбе ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бунёд гардида, зимни корҳои лоиҳакашӣ тамоми инфрасохтори шаҳрсозии муосир ба назар гирифта шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳибкорон барои бунёди бинои муосир дар пойтахти мамлакат изҳори сипос намуда, иқдоми мазкурро дар раванди созандагию бунёдкорӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ барои сокинон муҳим арзёбӣ карданд.

Бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани бинои муҳташам, ки дар он марказҳои тиҷоратӣ, фарҳангию истироҳатӣ ва меҳмонхонаи замонавӣ ҷойгир мешавад, инфрасохтори сайёҳӣ дар пойтахт боз ҳам мукаммал шуда, дар самти хизматрасонии баланд ба меҳмонону сайёҳони хориҷӣ шароити арзанда фароҳам мегардад.

# Рушди иқтидорҳои энергетикии Тоҷикистон

**9 сентябр дар маҳалли сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз ба кор даровардани агрегати дуюми неругоҳ бо хабарнигори шабакаи телевизионии «Ал-ҷазира»-и Давлати Қатар мусоҳиба анҷом доданд.**

Барои инъикоси руйдоди муҳиму таърихӣ — ба кор андохтани агрегати дуюми Неругоҳи барқи обии «Роғун» даҳҳо нафар хабарнигорони воситаҳои ахбори оммаи дохил ва хориҷ ба Тоҷикистон омадаанд.

Зимни мусоҳибаи худ хабарнигори шабакаи телевизионии «Ал-ҷазира»-и Давлати Қатар аз Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо суолҳо оид ба рушди иқтидорҳои энергетикии Тоҷикистон, аҳаммияти иншооти гидроэнергетикии азими «Роғун», дар бораи таъсири глобалии тағйирёбии иқлим, оқибатҳои манфии

**Мусоҳибаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо хабарнигори шабакаи телевизионии «Ал-ҷазира»-и Давлати Қатар дар НБО «Роғун»**

он ва тадбирҳои созандаи Тоҷикистон барои бартараф кардани оқибатҳои тағйирёбии иқлим, ташаббусҳои ҷаҳонии обӣ дар чаҳорчӯби Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои бонуфузи олам, нақши фаъоли кишвари мо дар ҳалли ин қазия, қабули қатъномаи СММ барои эъломи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028», ҳолати имрӯзаву дурнамои ҳамкории минтақавии Тоҷикистон, посухҳои амиқ гирифт.

Қобили зикри хос аст, ки тамоми ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳалли мушкилоти глобалӣ, истифодаи самаранокӯ оқилонаи захираҳои гидроэнергетикӣ, ба фаъолият оғоз кардани Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва ба кор андохтани агрегати дуюми нерӯгоҳ, мавриди таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтаанд.

Инак мусоҳибаи Президенти Тоҷикистон бо мухбири «Ал-Ҷазира»:

**Президент:** ... Як ҷаҳон ташаккур! Хуш омадед ба Тоҷикистон. Тоҷикистон чун кишвари соҳибистиқлол манбаъҳои нафту газ надорад. Ягона боигарии Тоҷикистон захираҳои гидроэнергетикӣ аст ва аз рӯи ин нишондод дар ҷаҳон ҷои ҳаштумро мегирад. Захира ва имкониятҳои Тоҷикистон зиёда аз 580 миллиард квт соатро ташкил медиҳанд. Вақте Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 истиқлол ба даст овард, таъмини аҳолӣ ва иқтисодиёти мамлакат бо нерӯи барқ мушкили асосӣ буд. Солҳои аввал мо мардумро қариб, ки бо нерӯи барқ таъмин карда наметавонистем. Иқтисодиёти Тоҷикистон низ мушкилиҳои зиёд дошт. Бо ин сабаб мо ба рушди соҳаи энергетика дар Тоҷикистон рӯ овардем. Омӯзиши тарҳи Неругоҳи барқи обии Роғун, ки мо ҳоло дар назди он қарор дорем, ҳанӯз аз замонҳои пеш, аз замони шӯравӣ оғоз гардида буд, аммо пасон солиён ба гӯшаи фаромӯшӣ афтод.. Баъди ба даст овардани Истиқлолият мо аз нав ба омӯзиши ин тарҳ шурӯъ кардем ва оҳиста-оҳиста сохтмони онро сар кардем. Имрӯз мо ва шумо шоҳиди ба кор андохтани агрегати дуюми ин неругоҳ ҳастем. Роғун чист? Умуман, соҳаи гидроэнергетика чист?

Тоҷикистон аз нигоҳи захираҳои гидроэнергетикӣ, нерӯи таҷдидшаванда дар дунё дар ҷои 8-ум қарор дорад. Инчунин имрӯз аз рӯи фоизи истеҳсол ва истеъмоли энергияи аз ҷиҳати экологӣ тоза дар байни кишварҳои ҷаҳон дар ҷои 6-ум қарор дорад.

Проблемаи глобалии ҷаҳони имрӯза

# Рушди иқтидорҳои энергетикии Тоҷикистон

**Мусоҳибаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо хабарнигори шабакаи телевизионии «Ал-ҷазира»-и Давлати Қатар дар НБО «Роғун»**



ин проблемаи тағйирёбии иқлим ва ҳифзи табиат ба шумор меравад. Масалан, чунone коршиносони байналмилалӣ, институтҳои дахлдори СММ иброз доштанд, моҳи июли имсола аз моҳҳои гармтарини даҳсолаҳои охир будааст. Мо шоҳиди он ҳастем, ки дар дунё чи гуна сол то сол ҳодисаҳои нохуши марбут ба тағйирёбии иқлим сар мезананд. Аз ин рӯ, мо ба бунёди неругоҳҳои барқи обӣ, яъне тавлиди энергияи “сабз” аз манбаъҳои таҷдидшаванда шурӯъ кардем. Мо рӯ овардем ба иқтисоди “сабз”. Ин на танҳо барои худи мо, балки барои кулли минтақа аҳаммияти бузург дорад. Ин неругоҳҳое, ки мо сохта истодаем, барои тамоми минтақаҳои дуру наздик хизмат карда метавонанд.

Масалан, мо як лоиҳаи марбут ба неругоҳҳоро бо номи CASA-1000 амалӣ карда истодаем, ки ҳадафи он сохтани хатти интиқоли барқи баландшиддат аз Тоҷикистон ва Қирғизистон ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон, ҳамчунин дигар кишварҳои Осиё мебошад. Ин лоиҳае, ки мо амалӣ карда истодаем, аз тарафи Бонки Ҷаҳонӣ дастгирӣ меёбад ва ҳаҷми маблағи татбиқи он 1 миллиарду 100 миллион доларро ташкил медиҳад. Яъне, агар мо ҳоло танҳо ба баъзе кишварҳои ҳамсоя интиқоли барқро ба роҳ монда бошем, аз соли 2021 мо ба Афғонистону Покистон дар ҳаҷмҳои хеле калон барқи аз нигоҳи экологӣ тоза содирот мекунем. Аз ин нигоҳ, неругоҳҳои барқи обии Тоҷикистон барои беҳтаршавии вазъи экологии минтақа хизмати бениҳоят бузург мекунанд. Аз тарафи дигар обанборҳои ин неругоҳҳо дар солҳои камобӣ, хушксолӣ мардумро бо захираҳои зарурии оби ошомиданӣ таъмин карда, дар мавсими тобистон ба кишварҳои минтақа дар обёрии заминҳо мусоидат хоҳанд кард. Ҳамин тариқ, рушди гидроэнергетика ҳам барои мо ва ҳам барои кишварҳои минтақа, барои экология ва рушди иқтисодиёту саноат фоидаовар аст. Барои ҳамин мо лоиҳаҳои мазкурро амалӣ карда истодаем.

**Мухбири “ал-Ҷазира”:** — *Ҷаноби Президент, шумо як китоб навиштаед бо номи “Тоҷикон дар оинаи таърих”... Саҳми арабҳо ё инвесторҳои араб дар эҳёи Тоҷикистон чӣ гуна аст?*

**Президент:** — Аслан чандон қонеъкунанда нест. Мо кишварҳои арабиро аз ҷумлаи шарикони муҳимми худ дар арсаи байналмилалӣ медонем. Ба рушду таҳкими муносибатҳои нек бо онҳо тавассуҷҷуҳи доимӣ зоҳир менамоем. Ҷаҳони араб ба кишварҳои минтақа бояд ба таври кофӣ тавассуҷҷуҳ зоҳир намояд. Метавон гуфт, ки давраи сипаришуда дар муносибатҳои мо марҳалаи омӯзишӣ буд. Аммо, аз нигоҳи мо, марҳалаи омӯзишӣ тӯлонӣ шуд. Аллакай 28 сол гузашт. Имрӯз ҳамкориҳои мо бо кишварҳои арабӣ дар ҳоли рушд қарор доранд ва ҳоло дар сатҳи қонеъкунанда қарор надоранд. Мо барои тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва ҳамкориҳо дар соҳаи гуманитарӣ кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода истодаем. Чунки мо мардумони тоҷик ва ҷаҳони араб умумиятҳои хеле бо ҳам наздик ва зиёде дорем. Мо чандин маротиба дар сафарҳое, ки ба мамолики араб доштем, чӣ сафарҳои расмӣ ва чӣ сафарҳои корӣ, ҷиҳати ҳузури бештар фаъоли иқтисодӣ ва сармоягузорӣ аз онҳо пайваста даъват ба амал меорем. Мисолҳо дар ин ҷода ҳастанд, лекин на он қадар зиёд. Ҳамкориҳои мо — бештар ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо кишварҳои арабӣ, мисли Кувайт, Қатар ва то андозае бо Аморот ҳоло хуб ба роҳ монда шудааст.

Таваҷҷуҳи кишварҳои арабӣ ба минтақа, намедонам сабабаш чӣ бошад, чандон фаъол нест. Ҳол он ки мо таъриху тамаддуни муштарак дорем. Мо яке аз аввалин кишварҳои собиқ Шӯравӣ ҳастем, ки бо ташаббуси ин ҷониб, ки бисёриҳо дар он давра ба он зид буданд, аъзои Конфронси исломӣ шудем, зеро бо ҷаҳони ислом хеле таърихи тӯлонӣ дорем. Ман дар чандин баромадҳои худ борҳо он нуктаро қайд кардаам, ки кишварҳои пешрафта ва аз лиҳози иқтидори иқтисодӣ бой имконият доранд, ки барои дастгирии кишварҳои рӯ ба инкишофи ҷаҳони ислом кӯмак кунанд. Ҳатто мисол ҳам овардам, ки агар даҳ фисади он маблағҳое, ки дар бонкҳои кишварҳои абарқудрат ва пешрафта гузоштанд, онро ба як фонди мутамарказ дар базаи бонки исломӣ ва барои дастгириву кӯмак ба кишварҳои рӯ ба инкишофи ҷаҳони ислом, агар ба шарте сарфа кунанд, ин аз чанд лиҳоз ҳам ба манфиати кишварҳои арабӣ, ҳам барои муттаҳидӣ ва сарҷамъии уммати мусулмон мусоидат намуда, ҳамкориҳои байни кишварҳои мусулмонӣ зиёд мешавад. Лекин афсӯс, ки ин чизҳо на он қадар шунида мешавад ва дастгирӣ карда мешавад. Ин боиси афсӯс аст.

**Мухбири “ал-Ҷазира”:** — *Суоли дигари ман дар ин мавриди чунин аст: Стратегияи Шумо ҷиҳати ба ҳадди аксар расонидани тавлиди нерӯи барқ ва истифодабарии он дар саноат ва рушди Тоҷикистон чӣ гуна аст?*

**Президент:** — Асосан он обе, ки дар ин обанборҳо ҷамъ мешаванд, барои истеҳсоли қувваи барқ истифода мешаванд, мо кишвари кӯҳистонӣ ҳастем, наваду се фисади Тоҷикистонро кӯҳҳои бениҳоят баланд ташкил медиҳанд ва мо замини зиёде барои обёрӣ надорем. Яъне, ин бисёр як манбаи иловагии обёрӣ барои кишварҳои поёноб дар фасли гармо ва дар солҳои хушксолӣ мебошад. Яъне, обро мо асосан барои истеҳсоли қувваи барқ истифода мекунем ва дигараш ба кишварҳои поёноб мeравад. Яъне онҳо обро барои рушди соҳаи кишоварзӣ истифода мебаранд.

**Мухбири “ал-Ҷазира”:** — *Ҷаноби Олӣ, Тоҷикистон миёни Афғонистон ва инчунин Қирғизистону Ӯзбекистон воқеъ аст. Назари Шумо вобаста ба сулҳ ва гуфтушуниде, ки ҳоло байни ҳукумати Афғонистон ва Толибон шуда истодааст ва оияндаи ин кишвар чӣ гуна аст?*

**Президент:** — Доир ба вазъи Афғонистон, аз тамоми лиҳоз ин ақидаи мо, назари мо ҳаст, ки амнияту тинҷии Осиёи Марказӣ пеш аз ҳама аз он вобаста аст — аз вазъ ва авзои Афғонистон. Барои ҳамин ҳам аз рӯзи аввали замони истиқлолият ба даст овардани Тоҷикистон мо дар арсаи байналмилалӣ кӯшиш ба харҷ дода истодаем, ки вазъи Афғонистон ҳар чӣ зудтар ҳаллу фасл карда шавад. Дар ин кишвар зиёда аз чил сол мешавад, ки ин гуна муноқишаҳои дохилӣ идома доранд. Вазъи имрӯза дар Афғонистон хеле мураккаб аст. Мо дида истодаем, ки бинобар амалкардҳо аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ, қариб ҳар ҳафтае, ҳар моҳе якду ҳодисаи бениҳоят мудҳиши террористӣ рӯй медиҳад, Ва мо чандин маротиба иброз ҳам доштем, ки ҳаллу фасли қазияи Афғонистон танҳо роҳи низомӣ надорад. Бинем, ки ин қадар солҳои тӯлонӣ ҷанг дар Афғонистон идома дорад. Аз ин лиҳоз роҳҳои дигари ҳалли қазияи Афғонистон, ки вуҷуд доранд, аз ҷумла гуфтушунид, бояд мавқеи калидӣ дошта бошанд. Мо ҷонибдори он ҳастем, ки қазияи Афғонистон танҳо бо роҳи гуфтушунидҳо ҳаллу фасл карда шавад. Ва ақидаи ман ин аст, ки тақдири Афғонистон бояд дар дасти худи халқи Афғонистон бошад. Худи мардуми Афғонистон бояд тақдири худро ба даст гирад ва ояндаи худро муайян кунад. Умуман, вазъи Афғонистон барои чӣ ин қадар солҳои тӯлонӣ ногувор аст? Дар ин ҷо танҳо афғонҳо гунаҳгор нестанд. Бадбахтии асосӣ дахолат ба корҳои Афғонистон аз берун аст. Барои ҳамин ҳам ана ҳамин авзоъ то имрӯз идома дорад ва пагоҳ чӣ мешавад касе пешгӯӣ карда наметавонад. Лекин мо ҳамчун як кишваре, ки бо Афғонистон бениҳоят марзи тӯлонӣ дорем, ҷонибдори тамоми кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳукумати Афғонистон доир ба роҳандозии музокирот ва бо тавре гуфтушунид ҳаллу фасл намудани қазияи Афғонистон ҳастем.

Он раванди гуфтушунидҳое, ки байни Толибон ва байни Амрико сурат гирифтанд, мо, фикр мекунем, ки хуб мешуд, агар дар ин раванд Ҳукумати Афғонистон фаъолтар ширкат намояд. Чунки ин Ҳукуматро мардум интихоб кардааст. Дуюмаш ба ин раванд бояд ҳамсоякишварҳои Афғонистон низ ҷалб карда шаванд. Кӯшишҳое, ки то имрӯз ба харҷ дода шудаанд, ман фикр мекунам, як қадам ба сӯи сулҳу оромӣ мебошанд. Ба ҳар ҳол мо ҳамаҷониба тарафдори раванди сулҳофарӣ дар ин кишвар ҳастем, лекин бар онем, ки ҳар ифоқае ва ҳар шартномае, ки дар ин раванд ба даст меояд ва ба имзо мерасад, бояд кафолати иҷроиши амалиашро дошта бошад. Албатта, ин ҳама яку якбора амалӣ намегардад. Раванди сулҳ бисёр мураккаб аст ва ман ин нуктаро аз таърихи талхи ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон мегӯям. Таҷрибаи раванди сулҳи тоҷиконро бояд меомӯхтанд, чунки қазияи Афғонистон бо он ҷанги шаҳрвандие, ки дар кишвари мо буд, бисёр ҳам монанд ва қариб тавъам аст. Мо ҷиҳати кумаку мусоидат ба мардуми Афғонистон ва кишвари ба мо дӯсту ҳамсоя дар замони истиқлолият кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода истодаем ва бовари комил дорам, ки он рӯз дур нест, ки сулҳу амонӣ дар ин кишвари ҳамсоя пойдор мегардад.

**Мухбири “ал-Ҷазира”:** — *Ҷаноби Президент, мехостам оид ба он ташаббусҳое, ки ба СММ вобаста ба масъалаҳои об ва истифодаи ҳадди аксари оқилонаи дарёҳои бузурги Тоҷикистон бар манфиати умум пешниҳод кардаед, назари худро ба мо баён кунед.*

**Президент:** Бале, мо аз лиҳози захираҳои об, махсусан оби ошомиданӣ, яке аз ҷойҳои аввалро ишғол мекунем. Ҳатто беш аз шаст фисади обҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар дохили Тоҷикистон ташаккул меёбанд. Ҳоло дар худуди Тоҷикистон беш аз дувоздаҳ ҳазор пиряхи вуҷуд дорад. Мушкилоти об, махсусан оби ошомиданӣ, ба омӯзиши ман ва таҳлилҳое, ки мо дорем, имрӯз ва дар оянда проблемаи ҷиддӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мешавад.

Аз ин лиҳоз, мо дар ҳамкорӣ бо дигар шарикон дар СММ чор маротиба бо ташаббус баромад кардем ва ҳоло ташаббуси чоруми мо — Даҳсолаи амал “Об барои рушди устувор, 2018-2028” амалӣ гашта истодааст. Мақсад аз ин ташаббусҳои мо дар он аст, ки ҷомеаи ҷаҳониро аз ин проблемаи глобалӣ ҳушдор диҳем, яъне сари он мавзӯъ қарор гирем, ки дар маҷмӯъ чӣ кор карданамон даркор аст, то дар ҳамкорӣ роҳҳои ҳалломези масъалаҳои об пайдо карда шаванд. Мушкилоти кишварҳое, ки оби ошомиданӣ надоранд ё ин ки захираҳои оби коррезӣ ба онҳо камӣ мекунад, ҳаллу фасл карда шаванд. Маҳз аз ин лиҳоз, ман фикр мекунам, ин ташаббуси мо аз ҷониби кишварҳои аъзои СММ бо иттифоқи оро ва қабули катъномаи Маҷмаи умумии СММ пазирой гардид ва ҳоло амалӣ гашта истодааст. Ҳамин буд, ки бештари ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаббусҳои Тоҷикистонро дар ин ҷода бисёр фаъолона дастгирӣ менамояд. Дар робита ба амалӣ гардидани ин ташаббуси худ мо ҳадафи дигаре, аз ҷумла ягон ҳадафи сиёсие надорем. Мо мехоҳем, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин проблемаи глобалӣ бо назари нек, он чи ки дар асл ин проблема вуҷуд дорад, мавкеъгирӣ намояд. Баъзан кишварҳое ҳастанд, ки хело мушкилиҳои сангини обӣ доранд. Ба онҳо бояд кӯмак кард, онҳоро бояд дастгирӣ кунем, то ин проблемаҳоро аз садди роҳи мардум бартараф намоем.

Дар хотима ман шуморо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон хуш омадед мегӯям, ҳар вақте ки имконият доред, шумо метавонед ба Тоҷикистон сафар намоед, аз гӯшаҳою манзараҳои зебои мо дидан намоед, на ин ки дар вақти кушодашавии ягон иншоот. Аз пиряхҳои Тоҷикистон метавонед дидан кунед, аз зебогиҳои қисматҳои Бадахшон, аз ҳайвоноти нодири Тоҷикистон, аз набототи он метавонед дидан кунед. Тоҷикистон кишвари на он қадар бузург бошад ҳам, вале аз захираҳои табиӣ кишвари бой аст. Тоҷикистон на танҳо об, балки дигар захираҳои табиию минералии бисёр ғанӣ, ба истиснои нафту газ, дорад.

# Меҳргон – оини бостонӣ

## Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни Меҳргон

**Ҳамватанони азиз!**

Тамоми сокинони мамлакатро ба ифтихори ҷашни Меҳргон, ки мисли Наврӯз ва Сада аз ҷумлаи ҷашнҳои бостонии халқамон мебошад, самимона табрик мегӯям.

Ҷашни Меҳргон ҳамчун оини бисёр бостонӣ мероси арзишманди аҷдоди шарафмандамон буда, дар тӯли таърих ва имрӯз ба сифати яке аз рукнҳои муҳими худшиносиву худогоҳии мардуми мо ба ҳисоб меравад.

Меҳргон дар фарҳангу тамаддуни халқи тоҷик ҷойгоҳи хоса дорад. Гузаштагони мо анъанаву суннатҳои онро дар хотираи таърихии хеш чун дурри гаронбаҳои маънавӣ ҳифз карда, то ба наслҳои имрӯза расонидаанд.

Ин ҷашни миллӣ саршор аз ҳикматҳои созандаву инсондӯстона буда, дар баробари ин, исботи ҳанӯз дар замонҳои қадим кишоварз, яъне истеҳсолкунандагони неъматҳои моддӣ будани аҷдоди мо мебошад.

Ҳангоми таҷлили Меҳргон ҳамчун ойини анҷоми бобарори корҳои саҳрой ниёгони мо маҳсули дастранҷи худро ба намоиш гузошта, фарорасии онро бо шукӯҳу шаҳомат истиқбол мегирифтанд, аз натиҷаи заҳматашон хушҳолӣ менамуданд ва нияту орзу мекарданд, ки солҳои баъдӣ низ ҳосил фаровон шавад, то ки хони мардум пур аз файзу баракат бошад.

Пирӯзии некӣ бар бадӣ, некандешиву накӯкорӣ, аз қалбҳо дур кардани кинаву кудурат ва муҳаббату эҳтиром ба ҳамдигар ҷанбаҳои маънавию ахлоқии ҷашни Меҳргон низ мебошанд.

Ин арзишҳои баланди маънавии Меҳргон аз қадимулайём то ба имрӯз бо илм, адабиёт, фарҳанг ва рӯзгори мардуми мо пайвандӣ ногусастанӣ доранд.

Абурайҳони Берунӣ дар осори худ доир ба ҷашни Меҳргон маълумоти пурқимат дода, аз ҷумла бо овардани ривояти пирӯзии Фаридун бар Заҳҳок ғалабаи хайрро бар шарр таъкид намудааст.

Шоирони бузурги тоҷик, аз қабили устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Низомӣ ва дигарон дар ашъори худ ҷанбаҳои пурҳикмату пурарзиши Меҳргонро тавсифу ситоиш намуда, бо самимияту қалби пок истиқбол гирифтани онро тарғиб кардаанд.

Дар замони истиқлоли давлатӣ ин ойини бостонии мо дигарбора эҳё гардид ва тибқи қонунгузории амалкунанда ба ҷашни миллии мардуми кишварамон табдил ёфт.

Соли панҷум аст, ки ҷашни Меҳргон дар саросари кишвар таҷлил карда мешавад ва кишоварзони шарафманди мо якҷо бо мардуми мамлакат ин суннати фархундаи аҷдодиро бо хушҳолӣ истиқбол мегиранд ва бо шукрона аз фазои сулҳу суботи Ватан ҳамдигарро бо ин ҷашни бостонӣ табрик менамоянд.

Қобили таъкид аст, ки кишоварзӣ барои мо соҳаи ҳаётан муҳим буда, ба туфайли заҳмати софдилонаи марди деҳқон имрӯз дар бозорҳои кишвар маҳсулоти хушсифату аз ҷиҳати экологӣ тоза фаровон мебошад.

Ҳамзамон бо ин, бояд гуфт, ки соҳаи кишоварзӣ барои расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ – ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва рушди саноат, махсусан, саноати сабуку хӯрокворӣ нақши басо арзишманд дорад.

Маҳз бо заҳмати деҳқонони асилу соҳибтаҷрибаи кишвар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ сол аз сол афзоиш ёфта, маҳсулоти хушсифати Тоҷикистон, аз ҷумла меваю сабзавот ба кишварҳои гуногун содирот мегардад.

Донишмандони моро зарур аст, ки расму ойинҳои вобаста ба Меҳргонро мавриди омӯзиши амиқ қарор дода, арзишҳои маънавию иҷтимоии онро бо дарназардошти воқеъиятҳои замони нав ва шароити соҳибихтёрии давлати тоҷикон васеъ тарғиб намоянд.

Итминони комил дорам, ки ҷашни Меҳргон дар роҳи боз ҳам тавсеа пайдо кардани худогоҳиву худшиносии халқамон мусоидат карда, боиси вусъати корҳои созандагиву ободонӣ, истеҳсоли ҳарчи бештари маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳифзи табиати зебои диёрамон мегардад.

Бори дигар тамоми сокинони мамлакатро ба ифтихори ҷашни бостонии Меҳргон самимона табрик гуфта, ба ҳар як хонадони кишвар сулҳу оромӣ, иқболу саодат ва дастурхони пурнозу неъмат орзу менамоям.

**Ҷашни Меҳргон муборак бошад, ҳамватанони азиз!**




# Иштироки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**11 октябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ашқободи Туркманистон дар Ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил иштирок ва суханронӣ карданд.**

Дар кори ҷаласа Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Сарвазири Ҷумҳурии Арманистон Никол Пашинян, Президенти Ҷумҳурии Белорус Александр Лукашенко, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим — Жомарт Токаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Сооронбой Жээнбеков, Президенти Ҷумҳурии Молдова Игор Додон, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев, Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов ва Раиси Кумитаи иҷроия — котиби иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Сергей Лебедев иштирок карданд.

Ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар нишасти хосаи сарони давлатҳо оғоз гардида, дар музокироти васеъ бо иштироки ҳайатҳои расмии кишварҳои аъзо ҷараён гирифт.

Дар кори ҷаласа масъалаҳои ҳамкории кишварҳо дар доираи Иттиҳод, натиҷаи раёсати Туркманистон дар Иттиҳод ва мавзӯъҳои асосии ҳамкорӣ, интихоби раёсати Иттиҳод дар соли 2020, дигар масъалаҳои муҳими минтақавӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ баррасӣ карда шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил суханронӣ карданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчуби узвияти худ дар Иттиҳод ҳамеша ҷонибдори рушди ҳамкорӣ байни давлатҳои аъзо дар ҳама соҳаҳо мебошад.

Ҳамчунин таъкид гардид, ки ҳамкории гуногунҷанбаи иқтисодӣ, таҳкими муборизаи муштарак бо таҳдиду хатарҳо ва тавсеаи робитаҳои гуманитарӣ аз натиҷаҳои бобарор ва назарраси ҳамгироии ҷонибҳо дар солҳои гузашта мебошад.

Изҳори бовар карда шуд, ки қабули қарорҳои имрӯза оид ба масъалаҳои рушди босамари ҳамкорӣ дар самтҳои зикргардида мусоидат менамояд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки имрӯзҳо ба равандҳои рушди вазъияти байналмилалӣ зуҳуроти баланд шудани сатҳи таҳдидҳои глобалӣ ва хатарҳои амниятӣ хос аст. Дар чунин шароит, таъмини муваффақонаи манфиатҳои умумии кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз бисёр ҷиҳат аз амалҳои минбаъдаи ҳамоҳангшуда вобаста аст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки иҷрои пайгиронаи қарорҳои қаблан қабулшуда дар соҳаҳои дахлдори ҳамкории мо аҳамияти бузург дорад ва мо бояд онро минбаъд низ идома диҳем.

Дар интиҳои кори Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баъди баррасии масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа қарорҳо, аз ҷумла Изҳорот дар бораи ҳамкории стратегии иқтисодии давлатҳои аъзои ИДМ қабул гардиданд.

Ҳамчунин қарор карда шуд, ки ҷаласаи навбатии Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил соли 2020 дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардад.

Дар ин зимн Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти муваффақонаи Туркманистонро дар садорати Иттиҳод таъкид карданд.

Сарвари давлат ҷониби Ӯзбекистонро ба муносибати гузаштани раисӣ ба он дар соли оянда табрику муборакбодӣ намуданд ва ба Сарвари ин кишвари дӯсту ҳамсоя дар иҷрои вазифаи сермасъули раисӣ барори кор орзу карданд.

Кори Ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил зимни нишасти матбуотӣ бо доираи васеи хабарнигорон натиҷагирӣ карда шуд.

# Таҳлили вазъи воқеии соҳаҳои иқтисод

## Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони соҳаи саноат мулоқот намуданд



**14 октябр дар Кохи Борбад мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо коргарони соҳаи саноати ҷумҳурӣ баргузор гардид.**

Ҳадафи мулоқот таҳлили вазъи воқеии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, бахусус бахши саноат, баррасии масъалаҳои ҳалталаби соҳа, дарёфти роҳҳои рушди он тавассути воридоти технологияҳои навтарин, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, тақвияти иқтидори содиротии мамлакат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва мусоидат кардан ба татбиқи ҳадафи чоруми стратегии мамлакат — саноатикунонии босуръати ҷумҳурӣ мебошад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо таҳлилҳои амиқи вазъи соҳаи саноат давоми солҳои соҳибистиқлолӣ, дар амал ҷорӣ кардани ислоҳоти соҳаҳо, барномаҳои давлатӣ ва сармоягузорӣ ба иқтисоди миллӣ суханронӣ карда, барои рушду пешрафти мамлакат, таъсиси корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ватании ивазкунандаи воридот, ба шуғл фаро гирифтани сокинон ба Ҳукумати ҷумҳурӣ, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва дигар сохторҳои марбута дастуру супоришҳо доданд.

Таъкид гардид, ки бо мақсади рушди соҳаи саноат, ки заминаҳои он дар асоси се ҳадафи умумимиллӣ фароҳам оварда шудаанд, мо саноатикунонии босуръати давлатро ҳадафи чорум эълон намудем. Татбиқи ин вазифаи муҳим имкон медиҳад, ки Тоҷикистон дар давраи миёнамуҳлат аз ҷумҳурии аграриву саноатӣ ба индустриаливу аграрӣ табдил дода шавад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки ташкили низоми ҳуқуқиву иқтисодии шарикии давлат ва бахши хусусӣ, содагардонии расмиёти бақайдгирии соҳибкорӣ, ба танзим даровардани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, низоми иҷозатдиҳӣ, иҷозатномадиҳӣ, андозбандӣ, содагардонии савдои хориҷӣ, эълони мораторий ба санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ дар рушди саноати мамлакат нақши муҳим доранд.

Дар "Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030" ва "Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2016-2020" бо мақсади баланд бардоштани қобилияти рақобати маҳсулоти ватанӣ, ворид намудани технологияҳои муосир, тақвияти неруи кадрӣ дар ин самт ва такмили минбаъдаи заминаҳои меъёрии ҳуқуқии бахши саноат чораҳои мушаххас пешбинӣ гардидаанд.

Барои пешгирӣ кардани таназзули истеҳсолоти саноатӣ зарурат пеш омад, ки бо роҳи ҷалби сармояи хориҷӣ ва ҳавасманд кардани фаъолияти истеҳсолӣ саноати мамлакат инкишоф дода шуда, пастравии ҳиссаи соҳа дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ боз дошта шавад.

Бо ин мақсад якчанд барномаи давлатии соҳавӣ таҳия ва амалӣ гардида, бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ инфрасохтори зарурии истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ бунёду навсозӣ ва фазои мусоиди сармоягузорӣ фароҳам оварда шуд, ки ин ҳама ба рушди саноати кишвар заминаҳои зарурӣ гузошт.

Тайи 25 соли охир беш аз 80 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ барои бунёди инфрасохтори зарурӣ дар ҳаҷми беш аз 42 миллиард сомонӣ амалӣ гардид.

Ҳоло боз зиёда аз 60 лоиҳа ба маблағи беш аз 30 миллиард сомонӣ дар самти энергетика, нақлиёт, логистика, обёриву обтаъминкунӣ, рушди бахши хусусӣ ва дигар самтҳо, ки барои инкишофи соҳаҳои саноати мамлакат ва беҳдошти фазои сармоягузорӣ муҳим мебошанд, татбиқ шуда истодаанд.

Ҳукумати ҷумҳурӣ дар замони истиқлоли давлатӣ барои соҳибкорону сармоягузорон беш аз 100 намуди имтиёзҳо ва сабукиҳо ҷорӣ намудааст, ки нисфи онҳо барои дастгирии соҳаҳои истеҳсолӣ пешбинӣ шудаанд.

Дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти соҳаи саноат, дар навбати аввал, аз масъулони соҳа ва соҳибкорон вобаста мебошад. "Бинобар ин, зарур аст, ки барои расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ тарзу усули корбарӣ ва роҳҳои амалигардонии сиёсати саноатии мамлакат дигар карда шаванд" - таъкид доштанд Президенти мамлакат.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки лоиҳаи қарорро дар бораи таъсиси Комиссияи давлатии амалисозии сиёсати саноатикунонии босуръати ҷумҳурӣ таҳти роҳбарии Сарвазири Тоҷикистон ва барномаи махсуси саноатикунонии босуръати мамлакатро барои солҳои 2020-2030 таҳия карда, барои тасдиқ пешниҳод намоянд.

Баъди суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як гурӯҳ кормандони соҳаи саноат, соҳибкорон аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таклифу пешниҳодҳо манзур намуда, барои таъмини фазои созгори фаъолияти истеҳсолӣ, пешниҳоди имтиёзҳо, дастгирии соҳибкории хурду миёна ва дигар тадбирҳои созандаи роҳбарияти давлату Ҳукумати ҷумҳурӣ изҳори сипос намуданд.

**11 октябри соли 2019 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Анҷумани иқтисодии минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Имкониятҳо барои рушд «Кӯлоб-2019» бо иштироки васеи намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, корпусҳои дипломатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ баргузор гардид.**

## Анҷумани иқтисодии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар оғози анҷуман муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим доир ба мавзӯи мавриди баррасӣ ибрози андеша намуд.

Дар ҷараёни баргузории анҷуман аз ҷониби роҳбарони маъмуриятҳои минтақаҳои озоди иқтисодии мамлакат рӯнамо дар мавзӯъҳои гуногун вобаста ба фаъолият ва рушди МОИ бо ду-се забон пешкаши ҳозирин карда шуд.

Дар саҳни бинои асосии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб намоиши молҳои истеҳсоли минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ ба намоиш гузошта шуд.

Мавриди зикр аст, ки нимаи дуюми рӯз маросими баимзорасонии Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ миёни Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» ва ҶДММ «Пиштоз Посгард Тоҷикистон»; Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ ҷиҳати расонидани кумаки амалӣ ба минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» миёни Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Кӯлоб; Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ ҷиҳати расонидани кумаки амалӣ ба минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» миёни Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Кӯлоб ва Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ миёни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ҶСК «Таксттелеком»-и шаҳри Тюмени Федератсияи Россия баргузор гардид.

Инчунин иштирокчиёни Анҷуман аз Минтақаи озоди иқтисодии навтаъсиси «Кӯлоб», фаъолияти корхонаи истеҳсоли ришта ҶДММ «Ресандаи Кӯлоб», ҶДММ «Комбинати хоҷагӣ» ва Маҷмааи кишоварзӣ-саноатии «Кӯлоб» дар хоҷагии Мир Саид Алӣ Ҳамадонии минтақаи озоди иқтисодии Кӯлоб дидан менамоянд.

Ёдовар бояд шуд, ки Минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» 1 марти соли 2019 дар масоҳати 309 гектар дар намуди саноатию инноватсионӣ таъсис дода шудааст.

Чунин анҷуманҳо бо ташаббус ва дастгирии Ҳукумати мамлакат ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2012 инҷониб дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлону Суғд, минтақаи Рашт, шаҳри Душанбе, ноҳияи Данғара ва шаҳри Хуҷанд бо мақсади ҷалби сармоя, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди иқтисодиву иҷтимоии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ баргузор гардидаанд.

**АМИТ«Ховар»**



# Пешгирии қонунвайронкуниҳо – дар мадди аввал



**Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе якҷоя бо нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳр бо мақсади пешгирӣ аз қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти саривақтии маблағи андози дар рафти санҷиш ошкоргардида дар фаъолияти андозсупорандагон пайваста кор мебаранд.**

Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ дар асоси 36 адад Амрнома санҷишҳои амалиётӣ гузаронида шудааст, ки аз ин 2 адад ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе, 5 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур, 17 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, 5 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ва 7 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Сино рост меояд.

Ҳамчунин, фаъолияти 956 нафар андозсупоранда мавриди корҳои назоратӣ қарор дода шудааст, ки аз ин шумора 122 нафар ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе, 304 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур, 222 нафар ба нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, 115 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ва 193 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Сино рост меояд.

Мутобиқи маълумот Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе ва нозиротҳои андоз дар шаҳр ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ ва воситаҳои нақлиёт дар умум 995 нафар шахсони воқеиро, ки худро дар қайди нозиротҳои андоз нагузоштаанд, муайян намудаанд. Дар натиҷа, 52 нафари он бо шаҳодатнома ва 942 нафари дигар бо патент таъмин гардиданд. Аз ин шумора 44 нафар ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе, 48 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур, 31 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, 32 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ ва 839 нафар ба Нозироти андоз дар ноҳияи Сино тааллуқ дорад.

Ба ғайр аз ин, дар ин давра, нисбати 416 нафар андозсупоранда барои қонунвайронкуниҳои андоз, ба маблағи умумии 1010666 сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 19 адад ва маблағи ҷаримаҳо 400066 сомонӣ зиёд мебошад. Аз ин шумора 71 адад протокол ба Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе бо маблағи 376915 сомонӣ, 105 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур бо маблағи 248960 сомонӣ, 75 адад ба маблағи 122205 ба Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, 37 адад ба Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ бо маблағи 77715 сомонӣ ва 128 адад бо маблағи 184925 сомонӣ ба Нозироти андоз дар ноҳияи Сино рост меояд.

Дар ин давра ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ бе дарназардошти маблағи протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ 1282965 сомонӣ андозҳо ҳисоб ва ба буҷет ворид шудааст. Бо дарназардошти маблағи ҷаримаҳои маъмурӣ 2293685 сомонӣ ҳисоб ва ба буҷет пардохт гардидааст. Ҳамчунин, 43 нафар андозсупоранда бо МНХ-и дорои ТИЭ таъмин гардиданд.

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

# Вазъи андозбандии иҷораи замин



**Дар қонунгузории андози Тоҷикистон тартиби андозбандӣ намудани фаъолияти шахсоне, ки қитъаҳои заминро ба иҷора медиҳанд ва ё тавассути иҷораи замин фаъолияти кишоварзиро амалӣ менамоянд, ба инобат гирифта, ҳамаи унсурҳои андозбандӣ дуруст ва возеҳу равшан нишон дода шудаанд. Аммо натиҷаи корҳои назоратӣ ва таҳлилҳои гузаронидаи мақомоти андоз шаҳодат медиҳанд, ки айни ҳол аксари иҷоракорони соҳаи кишоварзии вилояти Суғд дар қайди мақомоти андоз нестанд, аз ин ҳисоб андозҳоро ба буҷетҳои дахлдор пардохт накарда истодаанд. Яъне ҳоло ҳам бақайдгирӣ ва андозбандии иҷорадиҳандагони қитъаҳои замин дар сатҳи паст қарор дорад.**

Бояд қайд намуд, ки фаъолияти шахсоне, ки дар заминҳои ба иҷора гирифташуда ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ машғул мебошанд, ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ эътироф гардида, чунин шахсон уҳдадоранд, ки худро дар мақомоти андоз ҳамчун андозсупоранда ба қайди давлатӣ гиранд ва даромадҳои аз ҳисоби истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ бадастовардаи худро бо меъёри 5 фоиз андози низоми содакардашуда ва ҳангоми истифодаи меҳнати кироя тибқи талаботи моддаҳои 103 ва 216 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз онҳо андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ ҳисоб ва ба буҷет пардохт намоянд. Аммо аз сабаби дар сатҳи дахлдор анҷом наёфтани корҳои назоратӣ аз ҷониби мақомоти ҳудудии андози вилоят дар аксар ҳолатҳо манбаъҳои андозбандие, ки ҳангоми ба иҷора додани қитъаҳои замин ба вуҷуд меоянд, аз андозбандӣ дар канор монда истодаанд.

Аз ин рӯ, бо мақсади назорати таъмини иҷрои Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.07.2017 №316 «Дар бораи тасдиқи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон», андози тибқи низоми содакардашуда, андози даромад (аз ҳисоби иҷора), пешниҳоди тавозуни муҳосибавӣ, андоз аз суди саҳмияҳо, андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, риояи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродии тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда», муайян намудани истифодаи воқеии шумораи коргарони кироя дар фаъолияти соҳибкорӣ, дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ дар Раёсати андози вилояти Суғд аз ҳисоби кормандони мақомоти ҳудудии андоз гурӯҳҳои корӣ таъсис ёфта, дар шаҳру ноҳияҳои Исфара, Конибодом, Бобоҷон Ғафуров, Ашт, Мастчоҳ, Ҷаббор Расулов, Спитамен, Панҷакент ва Зафаробод корбарӣ намуда истодаанд. Гурӯҳҳои корӣ вазифадор карда шудаанд, ки ҷиҳати муайян намудани ҳолати дурустии пешниҳоди эъломияи андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, истифодаи воқеии шумораи коргарони кироя дар фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ чораҷӯӣ намоянд.

Бовари дорем, ки зоҳир гардидани таваҷҷуҳи дахлдор аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз ба самти зикргардида, минбаъд ба ислоҳи камбудиҳо ва беҳтар гардидани вазъи андозбандии иҷораи замин дар вилояти Суғд мусоидат менамояд.

**Тоҳирҷон Искандарзода, вилояти Суғд**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Лукашенко призвал вернуться к вопросу компенсации за налоговый маневр

Минск и Москва в ближайшее время вернутся к вопросу компенсации издержек белорусской стороне в связи с реализацией в РФ нефтяного налогового маневра, заявил в понедельник президент республики Александр Лукашенко.



«Не будем же мы постоянно на коленях ползать перед своим старшим братом и вымаливать какие-то крохи. Мы должны сами строить здесь политику со всеми вытекающими отсюда последствиями. Это мы с президентом России не единожды обсуждали. Думаю, в ближайшее время нам, утверждая программу совместных действий (по интеграции в Союзном государстве – ред.), придется вернуться и к этому вопросу (компенсации издержек из-за налогового маневра – ред.)», - сказал Александр Лукашенко.

Данное заявление было сделано на встрече с председателем государственного таможенного комитета республики Юрием Сенько.

Лукашенко заявил, что проводимый Россией налоговый маневр в нефтяной сфере привел к уменьшению поступлений в бюджет республики вывозных таможенных пошлин на нефтепродукты, и в этой связи поинтересовался, какие шаги предпринимает таможенный комитет для компенсации потерь.

